Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 -и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗ

**ба рисолаи илмии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи «Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**. Дар адабиёти криминологӣ якчанд усулу равиш ҷиҳати муайян кардани доираи ҷиноятҳои зӯроварона вуҷуд дорад. Баъзеҳо ба гурӯҳи ҷиноятҳои зӯроварона фақат ҷиноятҳои дидаю дониста бар зидди ҳаёт, ҳама намуди зараррасониро ба саломатӣ ва таҷовуз ба номусро нисбат медиҳанд. Чанде аз муаллифон боварӣ доранд, ки ба ҷиноятҳои зӯроварона авбошӣ, инчунин, ғоратгарӣ ва роҳзании зӯроварона ҳам қисман мансубанд. Аммо аз сабаби он ки мавзуи таҳқиқотии мо зӯроварӣ дар оиларо фаро мегирад, таҳлили кирдорҳои хусусияти зӯроваридоштае, ки дар муҳити оилавӣ содир мегарданд, аҳаммияти муҳим доранд. Зеро оила ячейкаи асосии ҷамъият ба ҳисоб рафта, аз муносибатҳои дар он пайдошаванда, инкишофи ҷомеа вобастагӣ дорад. Таъсир ва оқибатҳои зӯроварӣ дар оила барои тамоми аъзоёни оила зарари барқарорнашавандаро мерасонад, ки, афсӯс, чунин вазъият аз ҷониби ҷомеа ба таври дахлдлор баҳо дода намешавад. Зӯроварӣ дар оила на танҳо ба буҷети оила, инчунин, ба буҷети давлатӣ низ зиёни калонро мерасонад. Масалан, ҳангоми расонидани кумаки тиббӣ ва барқароршавии психологӣ, тафтиши ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, таъини ҷазо ба гунаҳкорон ва ғайра.

Ҳангоми таҳияи диссертатсияи мазкур маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ: диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, тахдили муқоисавӣ ва усулҳои оморӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, истифодаи методологияи ташкили таҳқиқоти илмӣ ба пайдо намудани донишҳои нав оид ба мавзуи таҳқиқот ва ба даст овардани дигар натиҷаи устувори илмӣ мусоидат намуд.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда,

моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил гардонидани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур аҳаммияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар баробари бартариятҳо баъзе тавсияҳо нисбати автореферати диссертатсияи Ғаффорова Ш.А. пешниҳод кардан мумкин аст: дар таҳлили криминологии мазкур таҳқиқоти сотсиологӣ (анкетирование) ба назар намерасад, ки барои муқаррар намудани вазъи воқеии мушкилоти мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамуд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи "Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он" ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи ҳуқуқи факултети
гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Миралиев С.А.

Имзои Миралиев С.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

14.11.23

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел.: +992 (37) 234-88-24
Факс. +992 (37) 234-88-02
Email: dsx_ips @mail.ru
www.iutet.tj